Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-017 назди Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, 734024, ш. Душанбе, кӯчаи Айнӣ, 44

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати кори диссертатсионии Турсунов Хушруз Муталибович дар мавзуи «Такмили механизми идоракунии низоми гумруки Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.04 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо пешбинӣ гардидааст.**

Масъалаи тадқиқи роҳҳои такмили механизми идоракунии низоми гумруки Тоҷикистон дар самти таъмини рушди устувори иҷтимоӣ-иқтисодии мамлакат, густариши минбаъдаи алоқаҳои ҷаҳонии хоҷагидорӣ ва истифодаи самараноки афзалиятҳои муносибатҳои иқтисодии берунӣ яке аз масъалаҳои мубрами рӯз ба шумор меравад. Зеро дар шароити гузариши ҷумҳурӣ ба давраи муносибатҳои бозоргонии рушдкунанда, методҳо ва принсипҳои идоракунии иқтисодиёт, бахши иқтисодиёти берунӣ ва умуман муносибатҳои иқтисодии берунӣ тағйироти қатъиро тақозо мекунанд.

Аз таҳқиқот мушоҳида мегардад, ки зарурати такмилдиҳии механизми иқтисодии идоракунии низоми гумрук ба сатҳи пасти фаъолияти он асос меёбад. Аз ин лиҳоз, муаллиф дар ибтидои таҳқиқот, дар такя ба таърифҳои аз ҷониби олимон ва коршиносони соҳа пешниҳодгардида, идоракунии низоми гумрукро ҳамчун яке аз намудҳои низоми махсуси идоракунӣ дар хадамоти давлатӣ, ки бо мақсади амалигардонии ҳадафҳои иқтисодии стратегии давлат ба иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии берунӣ таъсири мақсаднок мерасонад, таъриф намудааст.

Муаллиф доир ба ташкили идоракунии низоми гумрук ва арзёбии самаранокии он муносибатҳои методологиву методиро мавриди омӯзиш қарор дода, муайян намудааст, ки то ҳол методи пурраи арзёбии идораи низоми гумрук коркард карда нашудааст. Дар ин асос, пешниҳод мегардад, ки дар раванди интихоб ё таъсиси низоми нишондиҳандаҳои самаранокии идоракунии низоми гумрук ба назар гирифтани ҳадафҳои фаъолияти гумрук, вазифаҳои системавии низоми гумрук, нишондиҳандаҳои самаранокӣ оид ба ҳар як вазифа, ки тағйирёбии ҳар як нишондиҳанда ва сатҳи таъсири онҳоро муайян мекунад, гурӯҳбандии нишондиҳандаҳо тибқи категорияи муайян, масалан, миқдорӣ ва сифатӣ зарур аст.

Дар таҳқиқот нақши идоракунии низоми гумрук дар амалигардонии вазифаҳои стратегии иқтисодиёти мамлакат вобаста ба сохтори низоми гумрук ва алоқамандии унсурҳои таркибии он, инчунин баррасӣ намудани вазифаҳои низоми гумрук мушаххас карда шуда, дар рафти таҳлили вазъи ҷамъоварии пардохтҳои гумрукии ба буҷети давлат воридшаванда муайян карда шудааст,

ки ҳиссаи андоз аз арзиши иловашуда дар ҳаҷми умумии пардохтҳои гумрукӣ ҷойгоҳи муайянро ишғол менамояд, яъне нисбат ба ҳиссаи боҷи гумрукӣ дар мавқеи аввал қарор дорад.

Дар рафти таҳқиқот аз ҷониби муаллиф, ҷиҳати таъмини шаффофият ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот, пурсиши иҷтимоӣ гузаронида шуда, мушкилоти дар самти барасмиятдаррии гумрукӣ, ки халалдоркунандаи фаъолияти иштирокдорони муносибатҳои иқтисодии хориҷӣ ба шумор меравад, муайян карда шуда, бо мақсади бартарафсозӣ ва пешгирии ин гуна монеаҳо татбиқи тадбирҳои асоснок пешниҳод карда шудааст.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки хироҷи гумрукӣ дар таъминоти молиявии фаъолияти унсурҳои низоми гумрук нақши калидӣ дорад ва вобаста ба тағйирёбии ҳаҷми гардиши савдои хориҷӣ тағйирёбии назарраси пардохтҳои гумрукӣ мушоҳида мешавад. Барои муайян намудани алоқамандии ин нишондиҳандаҳо, мутобиқи таъгйирёбии нишондиҳандаҳо муодилаи истифода аз муодилаи хаттие имконпазир шуморида шудааст, ки тавассути он чунин натиҷа ба даст оварда шудааст: вобаста ба ҳар як фоизи болоравии гардиши савдои хориҷии кишвар пардохтҳои гумрукӣ ба ҳисоби миёна дар ҳаҷми 12.26 фоиз афзоиш меёбад. Муодилаҳои дигари хаттӣ низ нисбат ба нишондиҳандаҳои дигари фаъолияти гумрукӣ ва иқтисоди беруна тартиб дода шуда, сатҳи вобастагии онҳо арзёбӣ карда шудааст.

Албатта тадқиқоти гузаронидашуда дар заминаи асосҳои илмӣ ва маълумотӣ расмӣ иҷро карда шуда, натиҷаҳои илман асоснок ба даст оварда шудаанд, вале дар баробари ин, боз ҳам хубтар мешуд агар муаллиф доир ба сатҳи воқеии қочоқ ва заминаҳои ба он мусоидаткунанда равшании васеъ меандохт ва татбиқи чораҳои муасирро дар заминаи таҷрибаҳои давлатҳои пешқадам пешкаш менамуд.

Умуман, диссертатсияи Турсунов Хушруз Муталибович дар мавзӯи «Такмили механизми идоракунии низоми гумруки Тоҷикистон» тадқиқоти ба анҷом расонидашуда ба шумор рафта, ба талаботҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй мебошад ва муаллифи он Турсунов Хушруз Муталибович ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.04 - Ташкил ва идоракунии корхонахо, низомҳо ва комплексҳо сазовор мебошад.

номзади илмҳои иқтисодӣ,
дотсент Хакимова М.Ф.

**Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи Мирзо Турсунзода, 30, Донишгоҳи (Славянии) Руссияву Тоҷикистон.
Тел: (+992 37) 221 77 11

**Имзои и.и.и., дотсент Хакимова М.Ф.-ро тасдиқ мекунам:**

**Сардори шуъбаи кадрҳо ва**
**корҳои махсуси ДСРТ** Рахимов А.А.